# 9 Стратегияи мутобиқсозӣ бо тағйирёбии иқлим, пешгирӣ ва паст кардани оқибатҳои номусоиди он

## 9.1. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТРАТЕГИЯ

Муқаррар гардид, ки дар марҳалаи ҳозира таҳия ва татбиқи танҳо тадбирҳои коҳиши партоби ГП барои пешгирӣ кардани таъсири антропогении хатарнок ба системаи иқлимӣ кофӣ намебошад.

Тибқи қарорҳои Конференсияи Тарафҳои КМ ТИ СММ ва тавсияҳои ГБКТИ мутобиқсозӣ ҳоло коҳиши пароканиши газҳои парникӣ ба атмосфера самти муҳими фаъолият дар роҳи ҳалли масъалаи тағйирёбии иқлим эътироф шудааст.

Тибқи муайянкунии ГБКТИ мутобиқсозӣ бо тағйирёбии иқлим мутобиқшавии системаҳои табиӣ ё антропогенӣ дар ҷавоб ба тағйироти иқлимии мавҷуда ва ё эҳтимолӣ ва оқибатҳои онро дар назар дорад, ки он ҳам барои ҳалли масъалаҳои бо ин алоқаманд равона гардидааст ва ҳам аз иҷрои тадбирҳои ҷавобӣ, ба даст овардани манфиат мебошад.

Барномаҳои миллии рушд ва нақшаҳои амали Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла доир ба беҳдошти муҳити зист, биёбоншавӣ, идоракунии обхезӣ, ҳифзи қабати озон, тарбия ва маърифати экологии аҳолӣ ва ғайра далели афзалият ва аҳамияти фаровони татбиқи чораандешиҳои вобаста ба пешгирӣ ва паст намудани оқибатҳои номусоиди фалокатҳои табиии марбут ба таъсири иқлим ва тағйирёбии иқлим аст.

Натиҷаҳои арзёбии таъсирпазирии захираҳои табиӣ, соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва саломатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тағйирёбии иқлим аз он шаҳодат медиҳад, ки таъсири омилҳои иқлимӣ дар як қатор мавридҳо метавонад хеле ҷиддӣ бошад ва тадбирҳои муносиби мутобиқсозӣ метавонад оқибатҳои номатлуби тағйирёбии иқлимро кам ё пешгирӣ намояд ва барои омодагии умумӣ дар баробари тағйироти иқлимӣ заминаро муҳайё созад.

Марҳалаи ҳозираи стратегияи мутобиқсозӣ, асосан муайян намудани тадбирҳои аввалияи мутобиқсозии имконпазирерo дар бар мегирад, ки бояд бо мақсади бартарафсозии оқибатҳои тағйирёбии иқлим ва мусоидат ба рушди устувори кишвар татбиқ ва амалӣ гарданд. Дар марҳилаҳои минбаъдаи таҳияи стратегия васеъ кардан, санҷиш ва муайян кардани ҷузъиёти чорабиниҳои мутобиқсозӣ пешбинӣ мешавад.

<u>Мақсади стратегияи мутобиқсозӣ</u> таҳияи тадбирҳои маҷмӯии таъсирбахшест, ки тавонанд ба коҳиши таъсирпазирии захираҳои табиӣ, соҳаҳои иқтисодӣ ва саломатии аҳолӣ дар шароити тағйирёбии иқлим мусоидат карда, рушди устувори кишварро таъмин намоянд.

<u>Дар стратегияи мазкур барои татбиқи самараноки тадбирҳо вазифаи асосии зерин муайян шудаанд:</u>

- татбиқи барномаҳои илмию таҳқиқотӣ доир ба омӯзиши тағйироти иқлимӣ, иқтисодӣ, оқибатҳои он барои захираҳои табиӣ, иқтисод, саломатии мардум ва дар асоси онҳо таҳияи тадбирҳои мақсадноки мутобиқсозӣ;

беҳтар кардани шабакаҳои мушоҳида ва мониторинги мунтазам барои чораандешии саривақти мутобиқсозӣ ва тасҳеҳи он;

беҳтарсозии системаи ҷамъоварии маълумот ва ҳамчунин таҳлили он, тафсир ва паҳнкунии натиҷаҳо дар миёни истифодабарандагони ниҳоӣ;

такмили системаҳои пешгӯӣ, моделсозӣ, огоҳсозии пешакӣ аз падидаҳои табиии гидрометеорологӣ, хусусан селу обхезии фалокатбор;

тақвияти иқтидори институтсионалӣ, техникӣ ва ғайра;

таълиму тайёр кардани кадрҳо дар соҳаҳои марбут ба мутобиқсозӣ аз қабили таҳқиқоти иқлимию гидрологӣ, системаҳои геоиттиоолотӣ, арзёбии таъсир бар муҳити зист, ҳифозату рекултиватсияи замин, истифодаи оқилонаи об, ҳифзи экосистемаҳо, инкишофи кишоварзию инфраструктура ва ҳифзи саломатӣ;

амалӣ кардани лоиҳаҳои мушаххаси вобаста ба мутобиқсозӣ дар соҳаҳои афзалиятноки марбут ба истифодаи захираҳои табиӣ, рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва ҳифзи саломатии аҳолӣ.

## 9.2. АФЗАЛИЯТҲОИ АСОСӢ ВА ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТ

Ба сифати меъёри тартиби афзалиятҳои дар стратегияи мутобиқсозӣ зикр гардида дар назар гирифта шудаанд:

дараҷаи таъсиррасонии манфии омилҳои иқлимӣ, ПТГ ва тағйироти иқлимии эҳтимолӣ;

дараҷаи хатарнокӣ барои ҳаёти одамон, саломатии аҳолӣ, рушди иқтисодӣ, бехатарии ғизоӣ, инфраструктура, мероси фарҳангӣ, захираҳои об, захираҳои замин, гуногунии биологӣ;

самарбахшии иқтисодӣ ва ғайра.

Вариантҳои имконпазири тадбирҳои мутобиқсозӣ вобаста аз хусусият ва дараҷаи таъсиррасонии тағйирёбии иқлим мавридҳои зеринро дар бар мегиранд:

1. Пешгирӣ кардани хисорату зарар аз тариқи чораандешиҳои боздоранда барои коҳиши осебпазирии объект аз таъсири тағйирёбии иқлим;
2. Монеъ намудан ба зарар ва камсозии оқибатҳои он дар мавридҳое, ки таъсироти номатлуб барои муддати кӯтоҳ қобили таҳаммул аст, зеро объекти таъсирбинанда ба муддати дароз бе зиён дидан метавонад тоқати онро дошта бошад;
3. Тақсими зарар ҳангоме, ки фишори таъсир ба ноҳияи калонтару васеътар ва ё шумораи бештари аҳолӣ берун аз ҳудуди ҷойҳое, ки бевосита аз ҳодисаи иқлимӣ зарар дидаанд, тақсим шавад;
4. Тағйир додани шакли истифода ё фаъолият, ки табдили шакли фаъолият ё истифодаи захираҳоро бо мақсади созгоршавӣ ба оқибатҳои манфию мусбати тағйирёбии иқлимро дар назар дорад;
5. Тағйир додани макони ҷойгиршавӣ дар ноҳияҳое, ки нигоҳ доштани ягон навъи фаъолият муҳимтар аз нигоҳ доштани ҷову макони он аст ва дар натиҷа муҳоҷират ба минтақаҳое сурат мегирад, ки дар шароити иқлими тағйирёфта нисбатан бештар қобили қабуланд;

6. Барқарор кардани система ва расондани он ба ҳолати аввала дар сурати расидани зарар ба он ва ё тағйири шакл додани он дар натиҷаи таъсиррасонии иқлим аст. Ва ин ба маънои аслии мутобиқсозӣ бо иқлим нест, зеро ин система ҳассосияту таъсирпазирии худро дар баробари падидаҳои қобили муқоисаи баъдӣ нигоҳ медорад.

Бешак, бисёр мавридҳое вуҷуд дорад, ки тағйирёбии иқлим метавонад хислати мусбат дошта бошад. Дар чунин мавридҳо стратегияи мутобиқсозӣ манфиат бурдан аз имкониятҳои мусоидро пешбинӣ менамояд.

Ҳангоми муайян кардани тадбирҳои иқтидори мутобиқсозӣ мувофиқи тавсияҳои ГБКТИ шаклҳои зерини тадбирҳо ҳамчун асос қабул шудаанд:

- тадбирҳои сохторӣ/инфрасохторӣ ;
- тағйироти ҳуқуқӣ/қонунӣ
- тадбирҳои инситутсионалӣ/маъмурӣ/ташкилӣ;
- омилҳо ва субсидияҳои молиявӣ;
- тадбирҳои иқтисодӣ;
- тағйироти технологӣ;
- тадбирҳои танзимкунанда;
- тадбирҳои марбут ба пешгирӣ ва камсозии падидаҳои фавқулоддаи вобаста ба тағйирёбии иқлим;
- таълим;
- таҳқиқоти илмӣ ва тайёр кардани кадрҳо.

Тадбирҳои таҳияшуда ба мақомоти ҷумҳуриявӣ, ноҳиявӣ, маҳаллӣ ва ҳамчунин бахшӣ, институтсионалӣ, ҷамъиятӣ ва инфиродӣ нигаронида шудаанд.

## 9.3. ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ВА МУСОИДАТ БА МУТОБИҚСОЗИИ ОНҲО БО ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Захираҳои об

Арзёбии таъсирпазирӣ аз тағйирёбии иқлим нишон дод, ки дар дурнамои миёнмӯҳлат захираҳои оби Тоҷикистон дар ҳудуди ҳавзаҳои дарёҳои Вахш, Кофарниҳон, Қизилсу, Зарафшон ва ғайра кам хоҳад шуд. Дар минтақаҳои ҷудогона ин тамоюл мумкин аст ҷанбаи бисёр хатарнок пайдо кунад. Коҳиши эҳтимолии миқдори оби дарёҳо дар фасли тобистон нисбат ба меъёр хеле зиёд шуданаш мумкин аст.

Таи 50 соли охир ба сабаби тағйирёбии глобалии иқлим деградатсияи пиряххо мушоҳида шудаст. Каму кутоҳшавии пиряххо ба обнокии дарёҳое, ки қисми бештари оби худро аз пирях мегиранд, таъсир мегузорад. Эҳтимол меравад, ки дар сурати гармшавии иқлим ба андозаи $2^0$C, масоҳати яхбандии кишвар метавонад зиёда аз 20% коҳиш ёбад.

Бинобар ин, мо бо ҷараёни мураккабе сару кор пайдо мекунем, ки хосса барои таҳияи пешбиниҳои дарозмуддати обнокии дарёҳои Тоҷикистон, ташкили мушоҳидаҳои мунтазамро талаб мекунад. Барои ин кор пешбинии иқдомоти зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- мушоҳидаҳои низомӣ дар пиряххои намунавӣ интихобшуда;
- мониторинги ҳавоию кайҳонӣ ба ҳолати пиряххо дар қисматҳои асосии яхбандӣ;

мушоҳидаҳои ҳарсолаи қабати барф дар минтақаҳои баландкӯҳ дар давраи аз моҳи январ то май ва истифода бурдани натиҷаи мушоҳида дар дурнамоҳо.

Мутобиқи арзёбии имрӯза дар ҳудуди кишвар бештар аз 35 пиряхи ҳаракаткунанда вуҷуд дорад, ки гоҳ-гоҳ хатари банд кардани маҷрои обро дар қисматҳои болоии дарёҳои кӯҳӣ ва хавфи сар задани обхезиро дар натиҷаи канда шудани кӯлҳои пиряхӣ ба вуҷуд меоранд. Аз ин ҷост, ки гузаронидани чорабиниҳо маҷмӯаи оид ба пешбинии ҳаракати хатарноки пиряхҳо дар асоси таҳқиқоти мақсадноки яхшиносӣ зарурат дорад.

Мақсадҳо ва вазифаҳои асосии корҳои илмӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи оқилонаи захираҳои об аз нақши хоси Тоҷикистон дар ташкили оби ҳавзаи баҳри Арал бар меоянд. Самтҳои афзалиятноки фаъолият дар роҳи истифодаи оқилона ва мусоидат ба мутобиқсозии захираҳои об иборатанд аз:

- беҳтарсозии системаи мушоҳидаҳои гидрологӣ;
- таъсиси манбаи компютерии маълумот барои хизматрасонӣ ба истифодабарандагони иттилооти гидрологӣ;
- анҷом додани таҳқиқот дар бораи таъсири иқлимӣ дар пайдоиши селу обхезӣ ва таҳияи моделҳои компютерии пешбинӣ;
- ҷорӣ кардани моделҳои компютерии пешбинии гидрологӣ;
- таҳияи усулҳои пешбинии гидрогеологомелиоративӣ ва асоснок кардани низомҳои мелиоративӣ;
- такмили системаи пардохти ҳаққи об ҳамчун захираи табиӣ;
- таҳияи механизмҳои нав ва боло бурдани самарбахшии механизмҳои мавҷудаи техникӣ ва иқтисодӣ, истифодаву ҳифзи ҳамаҷонибаи захираҳои об дар сатҳи миллӣ ва байнидавлатӣ.

<u>Захираҳои замин</u>

Заминҳои ҳосилхез дар Тоҷикистон хеле маҳдуд мебошанд ва бинобар ин ҳифозату истифодаи оқилонаи онҳо аҳамияти дараҷаи аввал пайдо мекунад. Сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии бештар аз 70% аҳолии Тоҷикистон бевосита ба ҳолати заминҳо вобаста аст ва он ҳам аз бисёр ҷиҳатҳо ба омилҳои иқлимӣ марбут мешавад.

Арзёбии таъсирпазирӣ нишон дод, ки тағйирёбии иқлим (хушксолӣ, ҳарорати баландтар аз меъёри фаслҳои тобистону баҳор, боришоти сахт, камбуди захираҳои об) дар оянда метавонад сабабгори инкишофи ҷараёнҳои мунтазами эрозионӣ ва биёбоншавӣ гардад. Ин ба вазъияти бахши кишоварзии мамлакат таъсири номатлуб мерасонад.

<u>Ба ин муносибат, барои сабук кардани оқибатҳои номусоиди тағйирёбии иқлим самтҳои зерини мутобиқсозӣ муайян шудаанд:</u>

- ноҳиябандии хоки кишвар аз рӯи дараҷа ва шакли таъсиррасонии омилҳои иқлимӣ ба ҳолати захираҳои замин бо дарназардошти имкони дучоршавии онҳо ба шаклҳои гуногуни эрозия;
- барои минтақаҳои ҷудогонаи ландшафтӣ таҳия намудани маҷмӯи тадбирҳои ҳифозати хок аз омилҳои таъсиркунандаи иқлимӣ ва антропогенӣ;
- гузаронидани тадбирҳои агромелиоративӣ, ки киштгардон, коркарди ҳифозатии замин, маҳдудсозии киштукори заминҳои пурнишеб, ки ба

ҳифзи қабати ҳумусии хок дар шароити тағйирёбии иқлим мусоидат хоҳад кард;

мубориза бо ботлоқшавиву шӯразоршавии замин, ки поксозию барқароркунии иншооти заҳбурӣ, коллекторҳо, стансияҳои насосии мелиоративиро дар бар мегирад;

анҷом додани мушоҳидаҳои агрометеорологӣ, ки барои муайян кардани таъсири иқлим ба ҳолати хок, маҳсулнокии растаниҳои кишоварзӣ зарур аст;

ташкили чорабиниҳои мелиоративии ҷангал дар минтақаҳои дучоршуда бо хушксолӣ, гармсел ва эрозияи бодӣ бо мақсади мустаҳкам кардани рег, маҳдудсозии масоҳати биёбоншавӣ ва ҳамчунин паст кардани таъсири омилҳои дигари иқлимӣ.

<u>Чарогоҳҳо</u>

Вазъияти чарогоҳҳову алафзорҳои табиӣ дар Тоҷикистон ба ду омили бисёр муҳим: дараҷаи таъсири антропогенӣ (молчаронии зиёд, деградатсияи пӯшиши наботӣ, буридани дарахту буттаҳо) ва таъсири иқлим (хушксолӣ, ҳарорати беш аз ҳад баланд ё паст, жолазанӣ ва ғайра) вобаста аст.

Арзёбии таъсирпазирӣ нишон дод, ки таъсири иқлим дар баъзе солҳо хеле ҷиддӣ мешавад, махсусан маҳсулнокии чарогоҳҳо 3 баробар ва беш аз он коҳиш ёфта ва боиси ворид шудани зарари калон ба чорводории кишвар мегардад.

Барои кам кардани оқибатҳои номатлуби тағйирёбии иқлим тавсияҳои асосии марбут ба мутобиқсозӣи чарогоҳҳо бо тағйирёбии иқлим барои имрӯз ва оянда наздик иборатанд аз:

ташкили мониторинги доимии чарогоҳҳо ва пешбинии вазъияти онҳо, аз ҷумла дар асоси моделҳои иқлимии таҳияшуда;

таҳия ва истифодаи модели компютерии «Иқлим-ҳосилнокии чарогоҳҳо» барои минтақаҳои гуногуни табиию иқлимии кишвар;

муайян кардани муддату меъёри муносиби чорвчаронӣ бо дарназардошти навъҳо ва ҳолати чарогоҳ;

танзим ва мувофиқсозии фишору таъсир бар чарогоҳҳо;

анҷом додани корҳои селексионӣ барои таъмини тобоварӣ ба хушксолӣ ва амрозу офатҳои захираҳои хӯрока дар шароити тағйирёбии иқлим;

васеъ кардани масоҳати зироатҳои хӯрокӣ дар заминҳои обӣ ҷиҳати истифодаи онҳо дар солҳои хушку камбориш ва ғайра;

тайёр намудани захираҳои эҳтиётии хӯроки чорво.

<u>Экосистемаҳо</u>

Дар шароити Тоҷикистон экосистемаҳо барои нигоҳ доштани сатҳи лозими шароити мусоиди минтақаҳои деҳотӣ ва кӯҳистонӣ нақши муҳим иҷро мекунанд. Гармшавии мушоҳидашавандаи иқлим, афзоиши гази карбон дар атмосфера ва омилҳои дигар ба ҳолати экосистемаҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Ҳангоми таҳлили таъсирпазирӣ тағйирёбӣ дар экосистема ин аз байн рафтани намудҳои алоҳидаи набототу ҳайвонот, кам шудани шумораи

намудҳои нодир, тағйирёбии хусусиятҳои фенологии набодот, деградатсияи биотопҳои ҷудогона аз қабили тӯқайзорҳо, чарогоҳҳои пасталафи зимистонӣ-баҳорӣ ва ғайра аст. Дар натиҷаи таъсири омилҳои иқлимӣ ва антропогенӣ ҷараёнҳои эрозионӣ шиддат ёфта, шароити оби рӯизаминӣ ба сабаби тағйирёбии набодот тағйир меёбад, ки он дар навбати худ ба обнокии дарёҳо таъсир мерасонад.

Дар асоси арзёбии мӯътабари коршиносон самтҳои асосии зерини тадбирҳои мутобиқгардонӣ дар мавриди экосистемаҳои Тоҷикистон ба тағйирёбии иқлим муайян карда шудаанд:

- тақвияти донишу дарки илмии ҷараёнҳои таъсири тағйирёбии иқлим ба экосистемаҳо дар мисоли қитъаҳои намунавии табиат (яъне мамнуъгоҳҳо, паркҳои табиӣ ва ғайра);
- тадқиқотҳои мониторингии экосистема;
- мусоидат ба истифодаи ҳамаҷониба ва оқилонаи ҳудудҳои табиӣ бо камсозии таъсири антропогенӣ бар онҳо, алалхусус дар минтақаҳои саноатию зироатӣ;
- таъмини аҳолӣ бо миқдори зарурии захираҳои энергетикӣ ва табдили истеъмоли чӯб, ҳезум ва сӯзишвориҳои дигар;
- ҳифзи коридорҳои табиӣ ва ҳама гуна шароити зарурии дигар барои ҳайвоноту парандагони кӯчиву муҳоҷир;
- ҳифозати намудҳои нодири ҳайвоноту набодот ва ҳамчунин минтақаи зисти онҳо аз ҷумлаи қатъи шикор ва фурӯши ғайриқонунии намудҳои камёфту нобудшаванда;
- боло бурдани самаранокӣ, тақвияти мониторинги мунтазам ва тавсеъаи ҳудудҳои алоҳидаи ҳифозатшавандаи мавҷуд, ба вуҷуд овардани минтақаҳои нав дар ҳудуди экосистемаҳои ҳассосу таъсирпазир аз тағйирёбии иқлим;
- риояи қатъии меъёрҳои қонунҳои амалкунандаи ҳифзи табиат;
- таҳияи қоидаҳову дастурамалҳои марбут ба ҳифозат ва истифодаи оқилонаи захираҳои биологӣ.

## 9.4. ТАДБИРҲОИ МУТОБИҚСОЗИИ СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ БО ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Хоҷагии об

Арзёбии таъсирпазирии захираҳои об аз тағйирёбии иқлим камшавии ин захираҳоро дар оянда нишон дод ва бинобарин тадбирҳои марбут ба мутобиқсозӣ бахши хоҷагии оби иқтисодиёт бо тағйирёбии иқлим ва пешгирии оқибатҳои манфии он, ки асосан шомили камбуди об барои обёрӣ, афзоиши меъёрҳои обёрӣ, тағйири низоми обҳои зеризаминӣ ва паст шудани сифати об аст, таҳия гардид.

Тадбирҳои мутобиқшавӣ тавре интихоб шудаанд, ки тавонанд ҳам дар шароити иқлими ҳозира ва ҳам бо назардошти тағйироти эҳтимолии он дар оянда самараноку муфид бошанд. Бояд гуфт, ки рафта-рафта зарурати иҷрои бамавқеъи онҳо ба шиддат зиёд хоҳад шуд. Тадбирҳои пешниҳодии мутобиқшавӣ ба се бахш: техникӣ,ҷамъиятӣ ва агрономӣ ҷудо шудаанд.

Техникӣ:

- худкорсозии (автоматизатсияи) системаи тақсиму истеъмоли об дар асоси системаҳои геоиттиоолотии (СГИ) технология;
- афзоиши КАМ системаҳои обёрӣ ва ҷорӣ кардани тарзҳои пешрафтаи обёрию обрасонӣ;
- ободонию таҷдиди шабакаҳои обёрӣ бо мақсади кам кардани талафшавии оби бухоршаванда ва филтратсияшаванда;
- ҳавасмандии истифодабарии технологияҳои обсарфакунанда дар саноат, кишоварзӣ ва обрасонӣ;
- гузаштан ба истифодабарии васеи шабакаи заҳбурҳои пӯшида ва истифодаи муқаррари оби поксозишудаи заҳбурҳо;
- кашидани қисме аз обҳои сахт минералишуда ва обҳои заҳролуди бозгаштӣ ва заҳбурӣ ба қабатҳои амиқи зеризаминӣ ва махзанҳо, ки аз он ҷо бозгашт ба маҷрои дарёҳову каналҳо имконнопазир аст;
- мутобиқсозии низоми обёрӣ бо шароити тағйирёбии иқлим, аз ҷумла таҷдиди назар дар муддату меъёри обёрӣ;
- афзоиши коэффитсиенти танзими шадиди об ва шумораи обанборҳо дар минтақаҳои хоси зироатӣ барои ба вуҷуд овардани захираи тазминшудаи об;
- устуворсозии бахшҳои маҷрои дарё, ки дучори обхезӣ, обшустӣ мешаванд;
- коҳиши ҳаҷми партоби обҳои ифлоси саноатӣ, ки ба камшавии таъсирпазирии экосистемаҳои об мусоидат мекунад;
- эҷод ва нигоҳдории обанборҳои биофилтрии транзитӣ барои поксозии об аз олудагиҳои заҳрнок бо кӯмаки набототи обӣ;
- модернсозии системаҳои таъминкунандаи оби ошомидании хушсифат ва поксозии оби ифлос дар шаҳрҳо.

Ҷамъиятӣ:

- дар воситаҳои ахбори умум таблиғ намудани усули обистеъмолкунӣ ва обсарфакунии оқилона;
- иштироки маҳфилҳои ҷамъиятӣ ва обистифодакунандагон дар масъалаи идора кардани об, тақсими об ва обрасонӣ;
- таълим додани технологияҳои обсарфакунӣ ва истифодаи оқилонаи об ба коркунони масъули хоҷагиҳои фермерӣ ва муассисаҳои кишоварзӣ;
- огоҳсозии ҷомеа аз масъалаҳои муносиботи байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаи баҳри Арал дар мавриди об.

Агрономӣ:

- чораандешӣ барои васеъ кардани масоҳати дарахтшинонии ҳифозатии соҳилҳо;
- тақвияти корҳои селексионӣ барои баровардани навъҳои серҳосилу ба хушкӣ тобовари зироатҳо бо обистеъмолкунии андак.

Гидроэнергетика

Гидроэнергетика яке аз соҳаҳои асосии иқтисоди Тоҷикистон ба шумор меравад. Кишвари мо, ки иқтидори азими захираҳои гидроэнергетикиро дорост, имрӯз танҳо 5 фоизи онро истифода мебарад. Обанборҳои мавҷуда дар

низоми истеҳсоли энергияи электрикӣ дар НБО ва обёрии заминҳо кор мекунанд, илова бар ин онҳо дар ҳифозат аз обхезӣ, инкишофи хоҷагии моҳипарварӣ, осоишу истироҳат ва обрасонии техникию маишӣ нақши бузургро иҷро мекунанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот маълум шудааст, ки иншооти бузурги НБО дар муқобили таъсири омилҳои иқлимӣ ва тағйирёбии обнокии дарёҳо аз НБО хурд дида устувортаранд. Омилҳои асосии таъсирпазирӣ иборатанд аз: обхезии сахттар аз ҳадди пешбинишуда, селу лағзишу резиш ва иқлими (обуҳавои) сард.

Дар оянда барои фаъолияти мӯътадили гидроэнергетика дар шароити тағйирёбии иқлим тадбирҳои асосии мутобиқшавии зерин муайян карда шудааст:

- муайянкунии миқдори оби дарёҳо ва бузургиҳои экстремалии (ниҳоят кам ё ниҳоят зиёди) он аз рӯи ҳисобҳои пешакӣ бо дарназардошти навтарин маълумотҳову усулҳои илмӣ;
- аниқ кардани лоиҳаҳои шабакаҳои гидротехникии амалкунанда дар шароити нав ва модернсозии онҳо аз ҷиҳати зиёд кардани қобилияти обгузаронии иншооти обҷамъкунӣ ва мувофиқсозии низоми обанборҳо, муайян кардани хусусияти кори онҳо, коҳиш додани ҷараёни лоиқанокшавӣ;
- лоиҳакашӣ ва сохтани иншооти ҳифозатии махсус барои ҳамаи иншооти гидротехникӣ, хати интиқоли барқ (ХИБ), стансияҳои фарҷӣ;
- татбиқи мониторинги компютерии тамоми иншооти системаи энергетикӣ;
- сохтани иншооти нави гидротехникӣ бо обанбор бо мақсади танзими об дар шароити тағйирёбии обнокӣ ва кам кардани таъсири манфии лоиқанокшавии обанборҳои мавҷуда.

<u>Кишоварзӣ</u>

Арзёбии таъсирпазирӣ нишон дод, ки истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ ба дараҷаи зиёд ба шароити иқлимӣ ва тағйирёбии он вобаста аст. Асоси растанипарварии кишварро киштукори обӣ ва лалмӣ ташкил медиҳад ва дар сурати коҳиши зиёди захираҳои об ба сабаби тағйирёбии иқлим, масоҳати заминҳои обӣ мумкин аст маҳдуд ва ҳолати заминҳои лалмӣ бад шавад. Шиддат ёфтани ҷараёни биёбоншавӣ бозсозии бунёдии тамоми системаи истеҳсолоти кишоварзиро дар шароити тағйирёбии иқлим талаб мекунад. Хусусан, таъсири ПТГ дар баъзе мавридҳо бисёр хатарнок буда, 30-40% тамоми талафоти соҳаи кишоварзиро сабаб мешавад.

<u>Бо дарназардошти натиҷаҳои ташвишовари арзёбии таъсирпазирии соҳаи кишоварзӣ дар стратегияи мазкур тадбирҳои мутобиқшавии умумии зерин дар назар гирифта шудааст:</u>

- модернсозии заминаҳои моддию техникии кишоварзӣ;
- инкишофи хизматрасонии илмӣ-техникӣ ва техникӣ ба кишоварзӣ аз ҷумла пешбиниҳои дарозмуддат;
- анҷом додани тадбирҳои комплексии агротехникиву мелиоративӣ барои муккамалсозии сохтори заминҳои кишт;
- киштгардони оқилонаи ҳамоҳанг бо механизатсияву химизатсияи комплексӣ ва ба кор бурдани усулҳои биологии мубориза бо офатҳои зироатӣ;

чораандешӣ барои пешгирӣ кардани шуразоршавию ботлоқшавии замин ва эрозияи обию бодӣ;

таъмини устувории молиявии хоҷагиҳо ва ҷорӣ кардани бима (суғурта) дар кишоварзӣ.

Барои боло бурдани сатҳи мутобиқшавии пахтакорӣ бо тағйирёбии шароити иқлимӣ корҳои зерин зарур аст:

таъсис ва ҷорӣ кардани навъҳои пахтаи тезрасу дар муқобили касалиҳо ва гармӣ тобовар;

пешбинӣ ва пешгӯии саривақтии паҳншавии амрозу офатҳои пахта;

муайян кардани мӯҳлати фоиданоки табдили навъ барои минтақаҳои пахтакор, ки дар он ҷо ниҳоли пахта дар муқобили таъсири тағйирёбии иқлим ҳассосият дорад;

боло бурдани самаранокии обёрии пахта дар асоси технологияҳои обсарфакунанда, ки он низ ба нигоҳ доштани хок аз эрозия кӯмак мекунад.

Барои боло бурдани сатҳи мутобиқшавии ғаллакорӣ бо тағйирёбии иқлим корҳои зерин зарур аст:

таъсис ва интродуксияи навҳои маҳаллии зироатҳои ба шароити номусоиди иқлимӣ тобовар;

селексияи навъҳои нави зироатҳои ғаллагии дар муқобили касалию хушкӣ тобовар ҳамзамон бо мусоидат ба тухмипарварии хусусӣ;

пешгирӣ ва таъсиси захираҳои эҳтиётии ғалла;

афзудани самаранокии ҳифзи зироатҳои ғаллагӣ аз амрозу офатҳо ва пешбинии паҳншавии офатҳои зироатӣ ва шароити иқлимӣ.

Барои тақвияти мутобиқшавии чорводорӣ бо шароити иқлимӣ иҷрои корҳои зерин лозим аст:

мустаҳкам кардани базаи хӯрока;

васеъ кардани масоҳати чарогоҳҳои барои истифодаи хусусӣ иҷозатшуда ҳамзамон бо назорати қатъии истифодабарии онҳо;

ҳамзамон бо нигоҳ доштани хадамоти давлатии байторӣ мусоидат кардан ба инкишофи байтории хусусӣ ва амалӣ кардани тадбирҳои марбут ба коҳиш додани касалии ҳайвоноти кишоварзӣ.

Инфраструктураи нақлиёт

Инфраструктураи нақлиёт дар рушди иқтисодӣ нақши бисёр муҳим дорад. Таъсири иқлим ба ҳолати роҳҳои Тоҷикистон калон буда, он дар вайроншавии пӯшиши роҳ, пулҳо, шусташавии роҳҳо ба воситаи селу тарма, шаклдигаркунии роҳҳои водиҳо аз гармӣ ва дар кӯҳистон - аз сардӣ ба амал меояд.

Муқаррар кардани меъёрҳои нави стандартӣ дар соҳаи нақлиёт ҳанӯз дар марҳалаи лоиҳакашӣ, сохтмон ва таъмиру бозсозии роҳҳои автомобилгард бо дарназардошти шароити иқлимӣ яке аз муҳимтарин вазифаҳои мутобиқсозӣ бо тағйирёбии иқлим шуморида мешавад.

Нақшаҳои давлатии роҳсозӣ аз рӯи барномаҳои пешбинишуда бояд бо арзёбии таъсир ба муҳити табиӣ дар дарозмуддат татбиқ гарданд. Ҳангоми интихоб кардани вариантҳои қарорқабулкунӣ лозим аст, ки тағйирёбии омилҳои иқлимӣ дар ҳар минтақа, алалхусус дар мавзеъҳои кӯҳистонӣ дар мадди назар гирифта шавад.

Дар мавриди тағйирёбии пешбинишавандаи иқлим иқдомоти зерин ҳамчун самтҳои асосии чорабинӣ барои коҳиш додани таъсирпазирии бахши нақлиёт ва хусусан нақлиёти автомобилӣ муайян шудааст :

такмили меъёрҳои кӯҳна ва таҳияи меъёрҳои нави стандартии соҳаи нақлиёт бо дарназардошти андозаи баландии минтақа ва хусусиятҳои иқлимӣ;

таснифи индикаторҳои минтақабандии роҳу иқлим аз рӯи типи маҳал;

гурӯҳбандии талаботи минтақа нисбат ба хусусиятҳои пӯшиши роҳ мутобиқи баландии ҷойгиршавии объект ва бо дарназардошти дараҷаи баландии минтақаи иқлимӣ;

омӯхтани хусусиятҳои микроиқлимии тағйирёбии қитъаҳои канори роҳ барои асосноккунии тасҳеҳи меъёрҳо;

асоснок кардани дараҷаи мустаҳкамии роҳҳои автомобилгард бо назардошти омилҳои иқлимӣ;

гузаронидани таҳқиқоти махсус дар бораи суръати падидаҳои номатлуби табиӣ дар роҳҳои кӯҳистон барои ҳисобу китоби иловагӣ ва ҷойгиркунии конструксияҳои ҳифозатӣ (тармароҳҳо, иншооти обгузаронӣ ва ғ.) ва чорабиниҳои марбут ба устуворсозии нишебиҳои кӯҳҳо;

мониторинги падидаҳои хатарноки геологӣ дар бахшҳои роҳ, ба ҳисобгирии ПТГ ҳангоми истифодабарии роҳҳо ва лоиҳакашии роҳҳои нав.

## 9.5. ТАДБИРҲОИ ЭЪТИНОИИ МУНОСИБ, ПЕШГИРӢ ВА ПАСТ КАРДАНИ ОҚИБАТИ ФАЛОКАТҲОИ ТАБИӢ

Арзёбии таъсирпазирӣ нишон дод, ки фалокатҳои табиӣ, аз ҷумла обхезиҳои фоҷеъаовар, селу резиш, ки аксаран ба сабаби омилҳои иқлимӣ рӯй медиҳанд, ҳарсола зарари калони моддӣ расонда, боиси талафоти ҷонӣ мешаванд.

Коҳиш додани хатар ва таъсири фалокатҳои табиӣ ба аҳолӣ ва иқтисоди давлат ҳамчун вазифаи асосӣ дар таҳияи тадбирҳои мутобиқсозӣ дар шароити тағйирёбии иқлим муайян шудаанд. Барои ин зарур аст:

такмил ва барқарор намудани шабакаҳои мавҷудаи мушоҳидаи гидрометеорологӣ бо мақсади беҳтар кардани пешбиниҳо, огоҳсозӣ ва идора кардани обхезӣ ва дигар ПТГ (бо расондани зичии шабакаҳо то 1/1000 $км^2$);

модернсозии системаи ҷамъоварӣ, коркарду таҳлил, тафсир ва паҳнкунии фаврии иттилоот, аз ҷумла ба вуҷуд овардани манбаи муносиби маълумот, системаҳои геоиттилоотӣ (СГИ) ва моделҳои компютерии пайдоишу таъсиррасонии обхезӣ ва дигар ПТГ;

таҳия ва татбиқи маҷмӯи тадбирҳои марбут ба идоракунии фалокатҳои табиӣ бо таваҷҷӯҳи хос кардан ба огоҳсозии маҳфилҳои ҷамъиятӣ ва иштироки ҳукуматҳои маҳаллӣ;

беҳтарсозии системаи пешбинӣ ва огоҳсозии пешакӣ, аз ҷумла васеъ кардани минтақаҳо ва дақиқу асоснок будани пешбинии обхезӣ ва дигар ПТГ;

банақшагирӣ, лоиҳакашӣ ва татбиқи лоиҳаҳои намоишӣ, ки ба эҷод, тақвият ва инкишофи захираҳову сохторҳои марбут ба тадбирҳои техникӣ ва ғайритехникии ҳифозат аз обхезӣ нигаронида шудаанд;

беҳтар кардани омодагии аҳолӣ ва воҳидҳои ҳукуматии дахлдор дар муқобили фалокатҳои табиӣ, таъмин кардан бо таҷҳизоти зарурӣ;

коҳиш додани хатару таъсиррасонии обхезӣ, ба хусус дар ноҳияҳое, ки аҳолии камбизоат ва инфраструктураашон инкишофнаёфта зиндагӣ мекунанд. Дар доираи ин чораандешиҳо ҷойгиркунонии биноҳои истиқоматию ҷамъиятӣ дар ҷойҳои бехатар дорои аҳамияти хос аст.

## 9.6. ТАДБИРҲОИ МУТОБИҚСОЗӢ БАРОИ ҲИФЗИ САЛОМАТИИ АҲОЛӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Ҳангоми арзёбии таъсирпазирӣ муайян гардид, ки иқлим нақши ҳалкунанда дар суръати беморию фавти аҳолӣ дорад. Тағйирёбии иқлим, хусусан ҳарорат, на танҳо ба халалёбии мувозинат (гомеостаз) дар сатҳҳои гуногуни ҷойгиршавии биосистема оварда мерасонад, балки мувозинати байни ин сатҳҳоро низ вайрон мекунад. Танҳо тадбирҳои мутобиқати дар муқобили таъсири манфии муҳити беруна беҳтар кардани саломатӣ ва афзоиши муддати умри аҳолии ҷумҳуриро мумкин месозад (расми 9.1).

<u>Тадбирҳои умумии мутобиқсозӣ ба мақсадҳои зерин нигаронида мешаванд:</u>

боло бурдани сатҳи иқтисодию иҷтимоӣ ва беҳдоштию маърифатии аҳолӣ;

ташкили силсилаи семинарҳову мизи мудаввар дар мавзӯи: «Тағйирёбии иқлим ва саломатии аҳолӣ» барои намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа, намояндагони расмии вазорату идораҳо ва шахсони дорои салоҳияти тасмимгирӣ;

таҳияи барномаи таълим барои донишҷӯёни соҳаҳои тиббӣ: «Тағйирёбии иқлим ва саломатии аҳолӣ»;

эҷоди манбаи компютерии ягонаи маълумот дар бораи тағйирёбии иқлим ва вобаста ба он вазъи саломатии аҳолӣ дар сатҳи минтақаҳо ва умуман кишвар;

ташкили маркази байниидоравии илмию иттилоотии «Инсон-Иқлим» (расми 9.2), ки на танҳо пайгирӣ кардани тағйирёбии воқеии саломатиро вобаста ба иқлим имконпазир месозад, балки заминаи тайёр кардани тадбирҳои ҳадафманди мутобиқсозиро низ муҳайё менамояд;

такмили қонунҳои ҳифзи табиат ва нигоҳдории тандурустии аҳолӣ ва назорати иҷрои онҳо; ҷорӣ кардани тадбирҳои самарбахши қонунӣ, маъмурӣ ва техникӣ барои назорату контрол;

таҳия ва такмил додани усулҳои инфиродӣ ва иштирокии таҳқиқоти марбут ба мутобиқсозӣ ва таҳияи нишондиҳандаҳои интегралие, ки баёнгари мутобиқсозӣ дар шароити тағйирёбии иқлим буда метавонанд;




Расми 9.1.




Расми 9.2.

таблиғи тарзи зиндагии солим аз тариқи инкишофи варзишу тарбияи баданӣ ва туризми осоишӣ;

барои устувортар гардонидани организми инсон дар муқобили тағйирёбии иқлим бояд адаптогенҳоро (навъи наботияш афзалтар) истеъмол кард.

Ҳангоми арзёбии таъсирпазирии аҳолӣ аз тағйирёбии иқлим собит шудааст, ки афзоиши ҳарорати миёнаи солона ба андозаи 2-3$^0$С метавонад боиси зиёдшавии шумораи он рӯзҳои сол гардад, ки барои афзоиши пашшаи вараҷа (Anopheles) мусоидат мекунанд.

Тадбирҳо барои кам кардани вараҷа бояд мавридҳои зеринро дар бар гирад:

1. Пешгирии беморӣ;
2. Коҳиш додани мавридҳои гирифтори беморӣ ва фавт;
3. Коҳиш додани сироятпазирӣ;
4. Аз байн бурдани вараҷа.

Тадбирҳои марбут ба мубориза бар зидди ҳомилони вараҷа бояд мавридҳои зеринро дар бар гирад:

1. Гамбузияпаҳнкунӣ дар ҳавзҳову шолизорҳои вараҷазо;
2. Ба кор бурдани инсектисидҳо;
3. Поксозии каналҳои обёрӣ ва заҳбурҳо;
4. Хушконидани ҷойҳои ботлоқшуда;
5. Истифодабарии воситаҳои ҳифозати инфиродӣ аз пашша.

Ба ғайр аз бемориҳои гузаранда, ки барои саломатии аҳолӣ хатар доранд, бемориҳои дигаре низ аз қабили арақа (тиф), паратиф, салмонелезаҳо, дизентерия, амебиаз, лямблиоз, гелминтоз ва ғайра ҳастанд, ки хислати мавсимӣ дошта, дар баҳору тобистон, тобистон, тобистону тирамоҳ падид меоянд.

Сустшавии тафтиш ва назорати беҳдоштии сифати об дар шароити гармшавии иқлим метавонад хатари иқтидории паҳншавии ин бемориҳоро, ба хусус дар деҳот, ки он ҷо аҳолӣ дастрасии пурра ба оби хушсифати ошомиданӣ надоранд, афзоиш диҳад.

Дар маҷмӯи тадбирҳо барои пешгирии инфексияҳои рӯда корҳои зеринро бояд дар назар гирифт:

таъмини аҳолӣ бо оби ошомидании соф, безарар кардани обҳои ифлос, поккории беҳдоштии (санитарии) нақлиёти умумӣ, ҷои зисти аҳолии шаҳру деҳот, муассисаҳои саноатию кишоварзӣ;

тақвияти назорати микробиологӣ, химиявӣ ва физикии обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ.

Дар шароити доманакӯҳ ва ҳамворӣ, ба хусус дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон, дар моҳҳои июн-август ҳарорати ҳаво дар бештар аз 60-80% тамоми соатҳои корӣ болотар аз 28$^0$С аст. Кор дар шароити ҳарорати баланд, дар организм як силсила тағйироти функсионалиро ба вуҷуд меорад, ки шиддат ёфтани набзу нафаскашӣ, арақ кардани барзиёд, баланд шудани ҳарорати бадан ва гармшавии беш аз ҳадди организм аз ҷумлаи зуҳуроти он аст, ки ба қобилияти корӣ ва умуман саломатии одам таъсири манфӣ мерасонад.

Барои нигоҳдории қобилияти корӣ ва саломатии касоне, ки дар иқлими гарм кор мекунанд ва кам кардани фишори (стресси) гармӣ дар фасли тобистон иқдомоти зерин лозим аст:

- тағйир додани низоми кору истироҳат ба тавре, ки ҳузури коркунон дар фазои боз дар давраи авҷи гармӣ кам гардад;
- барои истироҳат аз биноҳои дорои микроиқлими танзимшаванда истифода ба амал ояд;
- низоми обнушӣ қатъиян риоя шавад;
- дар қонунҳо масъалаи муқаррар доштани рӯзҳои иловагии рухсатӣ барои кор дар иқлими гарм баррасӣ гардад.

Дар гузашта шаҳрсозӣ дар Тоҷикистон, асосан бе дарназардошти иқлими гарми хушк анҷом мегирифт, ба хусус дар шароити тағйирёбии иқлим, ки фишору таъсири гармӣ афзоиш меёбад. Дар натиҷа мавридҳои беморию фавти афрод, хосса дар миёни кӯдакону солхӯрдагон бештар мешавад. Тарҳҳои мавҷудаи меъморию сохтмони биноҳои истиқоматию умумӣ пурра имкон намедиҳад, ки аз шароити ландшафту микроиқлими маҳал ба ҳангоми шаҳрсозӣ истифодаи оқилона ба амал ояд ва ин ҳол шароити осоишу роҳатро коста мекунад. Ҷараёни урбанизатсия (шаҳрнишинӣ ва низому тартиботи вобастаи он) низ ба сабаби газҳои хуруҷӣ, ғавғо, вибратсия ва гармшавии барзиёд мураккабтар мегардад.

Тадбирҳои мутобиқсозӣ дар мавриди шаҳрсозӣ дар шароити гармшавии иқлим бо мақсади коҳиш додани фишору таъсири гармӣ яке аз самтҳои муҳими беҳтар кардани саломатӣ ба шумор меравад. Барои ноил шудан ба ин мақсад дар ҳоли ҳозир ва оянда инҳоро бояд дар назар дошт:

- х усусиятҳои ландшафт ва баландии минтақа аз сатҳи баҳр;
- офтобрӯ ва соярӯ будани системаи кӯҳу водӣ;
- давомнокии гармкунӣ ва гармшавӣ ба ҳисоби рӯз;
- амплитудаи тағйирёбии ҳарорати ҳаво байни миёнмаксималӣ ва миёнминималӣ (дар давраҳои рӯзу шаб) дар фаслҳои тобистону зимистон;
- суръати бод дар соатҳои рӯз ва шаби тобистон.

Ба ин тариқ, дар оянда барои беҳбудии вазъи экологии шаҳрҳо ва афзоиши шароити роҳату осоиш бояд тарҳҳои нави меъморию сохтмон таҳия гарданд, то иқтидори лозимаи мутобиқсозӣ дар шароити тағйирёбии иқлим таъмин шавад.

## 9.7. ТАДБИРҲОИ ФАВРИИ МУТОБИҚСОЗӢ ҲАНГОМИ РӮЙ ДОДАНИ ФАЛОКАТҲОИ ИҚЛИМӢ

Солҳои охир шумора ва оқибатҳои фалокатҳои иқлимӣ, алалхусус обхезию хушксолӣ, зиёд шудааст. Ғайри чашмдошт будан мушкилоти зиёде барои мутобиқсозӣ ба вуҷуд меорад.

Собит шудааст, ки агар ёрии тиббӣ дар маҳали рӯй додани фалокати иқлимӣ сари вақт расонда мешуд, то 20% аз ҷумлаи ҳалокшудагонро наҷот дадан мумкин буд.

Дар давраи даҳсолаи 1991-2000 бештар аз 90% қурбониёни падидаҳои хатарноки табиӣ, бар асари фалокатҳои табиии сахти метеорологӣ ва гидрологӣ ба ҳалокат расидаанд.

Барои тақвияти омодагии аҳолӣ ва камсозии оқибатҳои нохуши эҳтимолии фалокатҳои табиӣ таълиму омӯзиши мунтазам аз тариқи Вазорати ҳолатҳои фавқуллода (ВҲФ) ва таҳияи механизмҳои дақиқи ҳамкории мақомоти давлатии маҳаллӣ ва марказӣ, хадамоти махсус ва аҳолӣ зарур аст.

Дар сурати рӯй додани фалокат дар соатҳои авал бояд аҳолиро бо ахбори зерин таъмин намуд:

- барои эмин мондан, чи бояд кард;
- нуқтаҳои дарёфти хӯрок, об, маскан, ёрии тиббӣ;
- ахбори марбут ба фаъолияти артиш, хомӯшкунандагони сӯхтор, наҷотдиҳандагони касбӣ ва ғайра.

Муҳим аст, ки кори коркунони тиббӣ ба қисматҳои зерин тақсим гардад:

- ташкили бахши ҷарроҳии фаврӣ;
- дастабандии осебдидагон вобаста ба дараҷаи осебдидагӣ;
- ҳаллу фасли масъалаҳои эпидемиологӣ ва беҳдоштӣ барои ташкили обрасонӣ, таъмин кардан бо хурок ва маскани муваққатӣ;
- анҷом додани омӯзиши тиббию беҳдоштӣ (беҳдоштӣ-эпидемиологӣ, беҳдоштӣ-химиявӣ, беҳдоштӣ-радиатсионӣ).

## 9.8. ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ҒИЗОӢ ВА МУБОРИЗА БО ОҚИБАТҲОИ ХУШКСОЛӢ

Масъалаи деградатсияи заминҳо ва обрасонии маҳдуд маҳсулнокии кори соҳаи кишоварзиро кам карда, амнияти ғизоиро таҳти хатар меандозад.

Дар Тоҷикистон таъминоти ғизоии кофӣ, ба хусус дар шароити деҳот, бо вазъияти муҳити зист ва таъсири омилҳои иқлимӣ алоқаи зич дорад.

Ғизои дуруст инкишофи мӯътадил ва рушди организми инсонро таъмин карда, муқовимати онро дар муқобили бемориҳо тақвият мебахшад ва сатҳи қобилияти кории онро боло мебарад. Ин кор, дар қатори шароити дигари иҷтимоӣ, имконоти васеи мутобиқшавии организми инсонро дар муқобили шароити иқлимии тағйирёбанда таъмин менамояд.

Масъалаи амнияти ғизоӣ махсусан дар замоне ба миён меояд, ки худкифоии хӯрокии кишвар ба сабаби таъсиррасонии иқлим ва омилҳои дигар бо ниёзҳои аҳолӣ баробарӣ намекунад.

Дар солҳои 90 дар Тоҷикистон таъминоти озуқа ба ҳадди кофӣ набуд, то минимуми талабот ба калорияву сафедаро таъмин кунад. Дар натиҷа, имконоти мутобиқшавии организм коҳиш ёфт ва сабабгори таъсирпазирии хеле зиёди аҳолӣ дар шароити гармшавии иқлим гардид. Хушксолӣ, он ҳам дар вазъияти фақру камбағалии физоянда ва коҳиши самарбахшии кишоварзӣ, масъалаи амнияти ғизоиро хеле шиддат бахшид.

Ба ин муносибат, барои тақвияти амнияти ғизоӣ дар шароити гармшавии иқлим, тадбирҳои зерини мутобиқсозӣ муайян шудаанд:

ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ, ки барои худкифоии ғизоии (озуқавии) муносиб кумак хоҳад кард;

аз байн бурдани камбағалӣ, хосса дар миёни он гурӯҳҳои аҳолӣ, ки дар муқобили тағйирёбии иқлим ҳассосияту таъсирпазирии бештар доранд;

дар деҳот, ки беш аз 90% истеҳсолоти хӯрокворӣ ҷамъ омада, қариб 70% аҳолӣ зиндагӣ мекунад, ёрмандию мусоидат ба инкишофи усулҳои самараноку пешқадами пешбурди кори кишоварзӣ, ки дар шароити иқлими тағйирёбанда ва хатари физояндаи фалокатҳои табиӣ қобили қабул бошад, як амри зарурист;

инкишофи хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ бо махсусгардонии онҳо ба истеҳсоли ин ва ё он маҳсулоти кишоварзӣ.

## 9.9. КОҲИШ ДОДАНИ ФИШОРИ ЭКОЛОГӢ ДАР ШАҲРҲО

Чунонки таҳқиқот нишон медиҳад, шаҳрҳои Тоҷикистон дар муқобили таъсири омилҳои метеорологӣ (низоми бод, гардиши ҳаво, чангбод, ҳарорат, радиатсияи офтобӣ) ҳассосият доранд. Ва ин асосан дар зиёд шудани консентратсияи моддаҳои олудагиовар дар ҳаво дар натиҷаи пароканиши антропогенӣ, афзоиши ҳарорати ҳаво ва таъсири номусоиди онҳо ба ҷузъҳои муҳити шаҳр ва саломатии аҳолӣ зоҳир мегардад.

Тағйирёбии пешбинишавандаи иқлим, эҳтимолан, таъсири омилҳои метеорологиро зиёд мекунад ва ин дар ҳолест, ки хусусияти меъмории шаҳрҳо ба афзоиши ҳарорат ба андозаи 2-3$^{0}$С нисбат ба деҳот мусоидат менамояд.

Ба қадри кофӣ вуҷуд надоштани гардиши бод дар шаҳр рукуду бозистии моддаҳои олудагиоварро дар ҳаво зиёд карда, ба ташаккули минтақаҳои ҳароратӣ мусоидат мекунад.

Дар соҳаи мутобиқшавии муҳити зисти шаҳр бо тағйирёбии иқлим чораандешиҳои муҳим барои беҳтар кардани сифати ҳаво иборатанд аз:

ноҳиябандии ҳудуди шаҳрҳои бисёр таъсирпазир барои муайян ва қабул намудани тадбирҳои муносибу босамари мутобиқшавӣ ва ҳамчунин банақшагирию сохтмони оқилона дар шароити тағйирёбии иқлим;

анҷом додани арзёбии таъсир ба муҳити зист дар мавриди корхонаҳои калоне, ки таъсири иқтидорӣ ба муҳити шаҳр мерасонанд барои асоснок кардани ҷойгиркунонии онҳо ва муайян кардани дараҷаи фишору таъсири экологӣ;

тақвияти назорат ба низоми технологияҳои истеҳсолӣ, ҷараёнҳо ва самаранокии кори дастгоҳҳои ҳавотозакунӣ дар манбаъҳои собиту доимии пароканишҳо;

камсозии манбаъҳои пароканиши танзимнашуда;

мувофиқсозӣ ва беҳтар кардани сифати роҳҳои автомобилгард дар шаҳрҳо барои кам кардани сарфи сӯзишворӣ ва ҳаҷми пароканишҳо ва сохтани роҳҳои гирдишаҳрии нақлиёти автомобилӣ барои кам кардани фишор дар қисмати марказии шаҳр;

назорати қатъӣ ба сифати сӯзишворӣ ва меъёрҳои пароканиши моддаҳои зарарноки мавҷуд дар газҳои хуруҷии нақлиёти автомобилӣ;

манъи дар ҷойхои озод ва ба ҳар тариқи дигар сӯзондани партобҳои шаҳрӣ, аз ҷумла партобҳои маишӣ ва барги дарахтон, ки дар таркибашон моддаҳои заҳролудкунанда дошта ва дар натиҷаи сӯхтан моддаҳои олудагиовари органикии дерпойро ба вуҷуд меоранд;

барӯйхатгирии дарахтзорҳои шаҳрҳо ва таҳияи тадбирҳо барои баланд бардоштани самаранокии онҳо ҷиҳати танзими сифати ҳаво ба асоси хусусиятҳои биологии дарахтону буттаҳо;

ҷалби бештари аҳолӣ барои беҳтарсозии ҳолати беҳдоштию экологии шаҳрҳо.

## 9.10. АРЗИШИ УМУМИИ ХАРОҶОТ ВА МАНБАЪҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ

Арзиши умумии татбиқи стратегия тақрибан 500 млн. долл. ИМА арзёбӣ мегардад. Манбаъҳои имконпазири маблағгузории тадбирҳои мутобиқсозӣ инҳо метавонанд бошанд: лоиҳаҳои кӯмаки байналмилалӣ аз тариқи барномаҳои амалиётии Бунёди ҷаҳонии экологӣ ва Бунёди адаптатсия, лоиҳаҳои инвеститсионӣ, лоиҳаҳои Механизми рушди холиси (МРХ) Протоколи Киото, ки қисме аз маблағгузориҳояшро метавон барои иқдомоти мутобиқсозӣ равона кард, ва то андозае, манбаъҳои буҷетии тасдиқшуда ва ғайрибуҷетӣ.